**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-027**
**оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба**
**ҲОШИМОВА ГУЛШАН ГАДОЙБОЕВНА**

**Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 аз 25.09.2021с.**
**Протоколи №46**

Диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №32 аз 15 майи соли 2021, шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-027-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар шӯрои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27.09.2018, №2 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 26 марти соли 2021, суратҷаласаи №8, муҳокима гардида, барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия як дастури таълимӣ-методӣ ва 25 мақолаи илмӣ интишор шуда, 6 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМ ФР тавсияшуда, ба табъ расидаанд.

**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Шавкат Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

**МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:**

- **Каримова Ирина Холовна –** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

- **Асҳобиддини Шералӣ** – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.**

**Муассисаи тақриздиҳанда** дар тақризи худ, аз 25.08.2021., суратҷаласаи **№1,** ки онро мураттиби тақриз – роҳбари семинари илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Наимов З.Ҷ., ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Арбобова Ф., имзо карда, ректори донишгоҳ, профессор Ғаффорӣ Н.У. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки дар диссертатсия, бо назардошти аҳамияти муҳим будани яке аз ҳадафҳои таҳсилоти муосир инкишофи низоми кор бо хонандагони лаёқатманд яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика ва амалияи таҳсилот дар шароити такмили низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар рисола коркарди амсилаи шахсияти хонандаи хурдсоли лаёқатманд амалӣ гардида, методҳои дидактикӣ бо ҳадафи рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бо татбиқи методҳои мувофиқ ба ҳадафҳои озмоиш санҷида шудааст. Натиҷа ва нуқтаҳои

навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Рисолаи илмии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда:

1. Ҳошимова Г.Г. Масъалаҳои инкишофи соҳибистеъдодии бачагон дар таҳқиқотҳои психологию педагогӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2018. - №8. С.169-173 с. ISSN – 2074-1847.
2. Ҳошимова Г.Г. Проблемы развития одарённости детей в психолого - педагогических иследованиях. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ½ 62). Бохтар. 2019. - С.101-105. ISSN – 2663-5534.
3. Ҳошимова Г.Г. Шартҳои муҳими рушди фарҳанги зеҳнии хонандагони хурдсол. Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2020. №1. – С. 127-131. ISSN – 2617 – 5320.
4. Ҳошимова Г.Г. Низоми кор бо бачагони болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020. №3. - С.258-264. ISSN - 2074-1847.
5. Ҳошимова Г.Г. Методикаи фаъолияти омӯзгор бо хонандагони болаёқат. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020. № 2. - С.277-282.ISSN - 2074-1847.
6. Ҳошимова Г.Г. Проблемаҳои таълиму тарбия ва рушди фаъолияти эҷодии хонандагони болаёқат. Номаи Донишгоҳ. Хуҷанд. 2020. №4 (65). С.188-192. ISSN - 2077- 4990.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

1. **Мирзоев А. Р. –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи системаҳо ва технологияҳои иттилоотии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.
   Муқарриз эрод надорад.
2. **Темирова Х.И.** – н.и.п., дотсенти кафедраи забони давлатӣ - ҷомеашиносии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.
   Муқарриз эрод надорад.
3. **Мақсудов З.О.** – н.и.п., декани факултети филологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.
   Муқарриз эрод надорад.
4. **Насридинова М. М.** – н.и.п., муаллимаи калони кафедраи забони хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
   Муқарриз эрод надорад.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- сохтори барномаи имконияти педагогии инкишофи лаёқатмандии хонандагон коркард карда шудааст;

- хусусият ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандии бачагон» ошкор карда шудааст;

- асоси мундариҷавӣ-технологии (меъёр ва сатҳ, ташхис, методика) инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол коркард карда шудааст;

- шароит ва имконияти педагогӣ барои раванди самарабахши рушди лаёқатмандии

хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардидааст;

- тариқи озмоиш имконияти педагогии амалисозии технологияи педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва тасдиқ карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки**

- функсияҳо ва қоидаҳои имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян гардиданд, ки барои аз ҷониби хонандагон аз худ намудани донишу маҳорати дар фаъолияти ҳаёти минбаъдаи онҳо зарурӣ ва инкишофи қобилияти эҷодии онҳо мусоидат менамоянд;

- мафҳуми «рушди лаёқатмандии хонандагон» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардид;

- робитаҳои қонунӣ, ҳамбастаи байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими хонандагон татбиқ мешавад, ошкор шуданд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода ёфтааст:

- коркарди амсилаи графикӣ, методҳои дидактикӣ бо ҳадафи рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин татбиқи он дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ анҷом ёфтааст;

- тавсияҳои методӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи воситаҳои инноватсионӣ дар раванди таълим тартиб дода шуданд;

- коркарди низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ҳамчунин коркарди таъминоти методии он амалӣ гардидааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқоти мазкур аз инҳо иборат аст:** иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа; коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо бачагони болаёқат; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар раванди таълим; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзӯъ ва дар семинару конфронсҳои илмӣ - назариявии умумиҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ба сифати маърӯза муаррифӣ намудан.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти** иҷрошуда бо асосҳои назариявии таҳқиқоти бунёдии фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ, истифодаи маҷмӯи ба ҳам алоқаманди методҳои назариявӣ ва амалии ба предмет ва вазифаҳои таҳқиқот асосёфта ифода ёфтааст, бо методологияи илмӣ, низоми методҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори муассисаҳои таҳсилотӣ, коркарди математикии маълумоти эмпирикӣ таъмин гардид. Боваринок ва асоснокии натиҷаҳо бо базаи назариявии исботкунанда таъмин ва бо таҳқиқотҳои мантиқӣ асоснок карда шудаанд, ки дар онҳо корҳои бурдашаванда аз лиҳози экспертӣ баҳогузорӣ шуданд. Дар баҳогузорӣ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот оварда шуда, ҳамчунин санҷишҳои бевосита гузаронидаву натиҷаҳо ҳосил гардидаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**:

– татбиқи технологияи педагогӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– амсилаи технологияи педагогӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сохтори ҷузъҳои ҳадафмандона, мундариҷавӣ ва баҳодиҳӣ;

– имконоти иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ дар таълим, таъмини хонандагон бо донишу малакаҳои хусусияти амалидошта, инкишофи майли доимии хонандагони хурдсол барои андӯхтани донишҳои нав;

– имконияти педагогии татбиқи технологияи педагогӣ оид ба рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтгирии фаъолияти омӯзгор ба муқаррар намудани қобилият ва имконияти инфиродии хонандагон;

Диссертатсия масъалаҳои дарёфти бачагони болаёқат, ташкили намудҳои нави фаъолияти педагогӣ, ташхису омӯзиши хусусиятҳои лаёқатмандии мактабиёни хурдсол, нишондиҳандаҳои лаёқатмандӣ, сатҳи инкишофи лаёқатмандии хонандагон, мақсади таълими муосир, имкониятҳои мактаб ҷиҳати бедор ва рушд додани қобилиятҳои табиию иҷтимоии хонандагони хурдсол фаро мегирад ва боэътимодии он бо пояи мустаҳками методологӣ, нақшаи саҳеҳи коркарди муназзам ва мунтазами илмӣ ва хулосаҳои мантиқӣ арзёбӣ шудааст.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 8 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 13 нафар,<br>
муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,<br>
бюллетенҳои беэътибор – нест.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 25 сентябри соли 2021 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои 10,11,12,14 ва 16-и Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Ба Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дода шавад.
2. Хулоса ва қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар мувофиқа бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, тасдиқ карда шавад.
3. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулоса ва қарори шӯроро тасдиқ намояд ва ба Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионии**<br>
**6D.КОА-027, доктори илмҳои**<br>
**педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**<br>
**6D.КОА-027**<br>
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**<br>
**25.09.2021с.**

Тасдиқ менамоям<br>
Мутахассиси пешбар Мустанова З.С.<br>
РК КИ